“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
д.и.и. ________ Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.
30 ____05______ 2024

**Хулосаи**

**ҷаласаи кафедраи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва барномарезии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Диссертатсияи Дадобоев Акмал Анварҷонович дар мавзуи ”Масъалаҳои шинохтагирии фармонҳои овозӣ ва татбиқи онҳо дар модели компютерӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D070400 – Техникаи ҳисоббарор ва таъминоти барномавӣ дар кафедраи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва барномарезии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ДДҲБСТ) иҷро карда шудааст.

Дадобоев Акмал Анварҷонович 20-уми июли соли 1993 дар ноҳияи Ашт таваллуд шуда, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Маълумоти олӣ дорад. Соли 2011 ба факултети сохтмон ва нақлиёти Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд дохил шуда, соли 2015 онро бо ихтисоси “Ташкили ҳамлу нақл ва идоракунӣ дар нақлиёти автомобилӣ ва шаҳрӣ” хатм намуд. Дар соли 2016 ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ДДҲБСТ) дар ихтисоси "Технология ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт" дохил шуда, соли 2018 онро бо муваффақият хатм кард. Соли 2021 шӯъбаи докторантураи (PhD)-и ҳамин донишгоҳро низ бо комёбӣ ба анҷом расонид. Фаъолияти илмӣ-педагогии худро соли 2016 ба ҳайси ассистенти кафедраи фанҳои тахассусии Муассисаи таълимии ғайридавлатии Донишкадаи саноат ва хизматрасонӣ дар шаҳри Хуҷанд оғоз намудааст.

Диссертатсияи Дадобоев Акмал Анварҷонович бо мавзуи "Масъалаҳои шинохтагирии фармонҳои овозӣ ва татбиқи онҳо дар модели компютерӣ" дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ДДҲБСТ) санаи 28 феврали соли 2019 бо Протоколи №8 ба таври расмӣ тасдиқ гардидааст. Роҳбари илмии Дадобоев Акмал Анварҷонович номзади илмҳои физика математика, дотсент Худойбердиев Хуршед Атохонович маҳсуб меёбад.

Докторанти (PhD) Дадобоев Акмал Анварҷонович, нақшаи таълимиро аз рӯи маҷмӯи фанҳои асосӣ ва тахассусӣ дар ҳаҷми 180 кредит иҷро намуда, имтиҳонҳои маҷмӯиро бо муваффақият супоридааст.

Диссертатсияи Дадобоев Акмал Анварҷонович дар мавзӯи "Масъалаҳои шинохтагирии фармонҳои овозӣ ва татбиқи онҳо дар модели компютерӣ" дар назди кафедра муҳокима гардида, мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифт. Пас аз муҳокима, пешниҳодҳо ва тавсияҳои лозимӣ барои такмил ва беҳбудии он пешниҳод шуданд:

**1. Баҳодиҳии мубрамияти мавзуи тадқиқот**. Масъалаи татбиқи технологияҳои инноватсионӣ, яке аз масъалаҳои рушди илму маориф маҳсуб ёфта, дар риштаи илмҳои бунёдӣ, техникӣ ва экспериментали дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба сафи ҳадафҳои стратегии мамлакат шомил аст.

Дар паёми охирин (соли 2023) Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омадааст, ки “дар марҳалаи кунунии пешрафти Тоҷикистон ба соҳаҳои илму маориф афзалияти аввалиндараҷа дода мешавад, зеро онҳо дар таҳкими пояҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ нақши калидӣ мебозанд”.

Рушди тафаккури наврасону ҷавонон бевосита ба болоравии фарҳанги иттилоотии замони муосир боис гашта, он зина ба зина ба фазои ягонаи иттилоотӣ наздик мешавад. Дар ҷаҳони муосир тараққиёти илм ва

техника бо эволютсияи воситаҳои ҳамкории байни одам ва мошин алоқаи зич дорад. Вобаста ба ин интерфейси гуфтугӯи ҳамкории инсон ва мошин торафт маъмул мегардад. Зеро барои инсон маҳз сухан табиитарин воситаи муошират аст. Муҳимтарин ҷузъи интерфейси суханронии инсон ва мошин, ки бо тариқи автоматӣ мебошанд, ин шинохти овоз ва нутқ маҳсуб мееёбад ва вазифаи душвортарин дар ин соҳа ба ҳисоб меравад. Инкишофи нутқ вазифаи шинохтагирии нутқи гуфтугӯӣ ин услуби нутқест, ки бо набудани шакл ва мундариҷаи пешакии хабари шифоҳӣ ва иштироки бевоситаи суханварон хос аст.

**2. Саҳми шахсии муаллиф дар раванди таҳқиқот** дар мустақилона навиштани диссертатсия, иштироки бевосита дар масъалагузориҳои мавзӯӣ таҳқиқоти назариявӣ, алгоритмсозӣ, барномарезӣ, амсиласозӣ, баргузории озмоишҳои компютерӣ, таҳлил ва хулосабарориҳои ҷамъбастӣ ифода ёфтааст. Усул ва алгоритмҳои шинохти нутқро коркард намуда, баҳодиҳии таҷрибавии самараноки усулу алгоритмҳои таҳияшуда гузаронида шудааст. Воситаҳои нармафзор таҳия карда шудааст, ки як қисми асосии системаи шинохтагирии нутқи тоҷикӣ мебошад. Нуктаҳои асосии илмӣ ва хулосаҳои диссертатсионӣ тавассути усули амсиласозии компютерӣ ва модулҳои барномавии дар шакли комплекси барномаҳои ба объект нигаронидашуда асоснок гардида, тасдиқи худро ёфтаанд.

**3. Дурустии натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои асосӣ.** Натиҷаҳои илмӣ бар пояи комплекси усулҳои назарӣ ва амалии мувофиқ ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методологияи диди системавӣ, консепсияи илмии ташхиси компютерӣ, тасдиқи амалии принсипҳои асосии амсиласозии компютерӣ, натиҷаҳои озмоиши компютерӣ ва таҷрибаи шахсии муаллиф ба ҳайси барномасоз амалан пойбарҷо буда, пойгоҳи таъминоти асоснокӣ ва муътамадии мазмуну мундариҷаи диссертатсия, хулосаҳо ва тавсияҳои дар он ифодагардидаро ташкил медиҳад.

Натиҷаҳои асосии дар диссертатсия бадастомада ба намуди методҳо, алгоритмҳо, таъминоти барномавии мошинҳои ҳисоббарор, манбаи додаҳо дар муҷтамеъи компютерии Tajik-AVCR амалӣ карда шудаанд. Ҳамзамон муҷтамеъи компютерии Tajik-AVCR дар раванди фаъолияти кормандони соҳаҳои тиб ва сайёҳӣ васеъ истифода карда шудаанд. Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии рисолаи илмӣ дар раванди таълими ДДҲБСТ ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ аз фанҳои тахассусӣ аз тарафи ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён васеъ истифода карда мешавад (санадҳо замима карда мешаванд).

**4. Навгонии илмии таҳқиқот**. Бори нахуст дар заминаи пойгоҳҳои додаҳои мавҷуда бо баҳисобгирии махсусиятҳои маҳаллӣ ва амнияти иттилооти шабакавӣ пойгоҳи додашудаҳои шинохтагирии овоз ва нутқи тоҷикӣ дар шакли як системаи мукаммали таҳқиқотӣ таҳия гардида, сохтори барномавӣ, тарзи кор ва технологияҳои дастрасӣ ба он мавриди таҳлил ва татбиқ қарор дода шудааст;

- барои таҳияи хусусиятҳои иттилоотӣ, ки аз шабакаи амиқи нейронӣ ба даст меоянд, бо истифодаи мутобиқшавӣ ба гуфтор ва шароити акустикӣ, таҳлил ва коркарди махсус анҷом дода мешавад. Ин равиш имконият медиҳад, ки сифати моделҳои акустикии шинохтагирии нутқ ба таври назаррас беҳтар карда шавад;

- алгоритми думарҳилаи ибтидоии омӯзиши акустикӣ таҳия шудааст, ки дар асоси шабакаҳои амиқи нейронӣ кор мекунад ва шумораи мисолҳои муқаррариро дар маҷмӯи омӯзиш ба назар мегирад. Ин алгоритм ҳамзамон барои баланд бардоштани дақиқии шинохти овоз мусоидат менамояд;

- барои таҳияи системаи шинохти нутқи забони тоҷикӣ, усуле таҳия шудааст, ки омӯзиши моделҳои забон, ташаккули луғати транскриптӣ ва омӯзиши моделҳои акустикиро бо истифода аз алгоритмҳои махсус дар бар мегирад.

**5. Ҳадафи таҳқиқот** – таҳияи амсилаҳо ва усулҳо барои шабакаҳои нейронӣ, такмил ва коркарди алгоритмҳои дақиқии эътирофи нутқи забони тоҷикӣ, ва татбиқи ин методологияҳо дар низомҳои иттилоотии соҳаҳои гуногуни ҷамъият мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

- Омӯзиш ва таҳлили интишороти мавҷуда дар бораи технологияҳои сохтани низомҳои иттилоотӣ ва пойгоҳи додаҳо барои шинохти нутқи забони тоҷикӣ.

- Мураттабсозии мақсад ва вазифаҳо, таҳлили ҳолати таҳқиқот ва адабиёти мавҷуда, таҳияи қарорҳои алгоритмӣ ва барномаҳои компютерӣ, арзёбӣ ва санҷиши самаранокии қарорҳои таҳияшуда.

- Истифодаи усулҳои тадқиқотӣ, коркарди сигналҳои рақамӣ, назарияи эҳтимолият, моделсозии математикӣ, омӯзиши мошинӣ, лингвистикаи компютерӣ ва коркарди таъминоти барномавӣ.

- Коркарди амсилаҳои математикӣ ва компютерии барои пойгоҳи додаҳои архитектураи шинохти овоз ва нутқи тоҷикӣ.

- Таҳияи алгоритми пайвандсозии гипертекстҳои маҳаллӣ ба сохтори барномарезии модели шинохти нутқ.

**6. Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия**. Аҳамияти назариявии рисолаи мазкур дар он аст, ки алгоритмҳои мавҷудаи шинохти овоз ва нутқ такмил ёфта, алгоритмҳои нави омӯзиши моделҳои акустикӣ дар асоси шабакаҳои амиқи нейронӣ таҳия мешаванд. Ин тадқиқот инчунин ба таҳияи усули нави архитектураи хусусиятҳои иттилоотӣ, ки аз алгоритмҳои мавҷуда бартарӣ дошта, ба таври таҷрибавӣ омӯхта мешавад, равона аст. Аҳамияти амалии тадқиқоти диссертатсия дар истифодаи асбобҳои алгоритмӣ ва нармафзори нав таҳияшуда барои сохтани системаи шинохти овоз ва нутқи забони тоҷикӣ мебошад. Ин тадқиқот сифати баланд ва суръати тезро барои иҷрои вазифаҳои амалӣ, мисли нақлкунии автоматии архивҳои фонограмма, ҷустуҷӯи калимаҳои

калидӣ дар нутқ ва гурӯҳбандии сабтҳо бо назар ба мавзуъ таъмин мекунад.

**7. Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Натиҷаҳои тадқиқот дар соҳаи ихтисоси 6D070400 – Техникаи ҳисоббарор ва таъминоти барномавӣ, ба бандҳои шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқанд. Дар диссертатсия натиҷаҳои комилан беназир ва муҳим ба соҳаҳои таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, муҷтамаъҳо ва шабакаҳои компютерӣ пешниҳод шудаанд. Натиҷаҳо ба бандҳои зерини шиноснома мувофиқат мекунанд: методҳои ҳаммонандгардонии низомҳои идоракунӣ дар асосӣ иттилоотӣ ретроспективӣ, ҷорӣ ва эскпертӣ; методҳо ва алгоритмҳои сохторию ченакии синтез ва ҳаммонандгардонии низомҳои мураккаб; таҳлили назариявию сершуморӣ ва назариявию иттилотии низомҳои мураккаб, низомҳои ба проблемаҳо самтгиришудаи идоракунӣ, қабули қарорҳо ва муносибсозии объектҳои техникӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ; методҳо ва алгоритмҳои пешгӯикунӣ ва арзёбии самаранокӣ, сифат ва эътимоднокии низомҳои мураккаб.

**8. Инъикоси маводи диссертатсия дар корҳои чопшудаи муаллиф**

Муққарароти асоси ва натиҷаҳои илмии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар яккатор конференсияҳои илмӣ назариявӣ ва илмӣ амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ аз он ҷумла, “Илм ва инноватсия бахри иҷрои ҳадафҳои миллӣ”, (Хуҷанд, 2019), “Муаммоҳо ва перспективаи алоқамандӣ дар ҷаҳони муосир”, (Петрозаводск, 2022), “Рушди илм ва инноватсия дар шароити рақамикунонӣ”. (Хуҷанд, 2023) ва ғайра ироа гардида дар маводи конфронсҳои мазкур ба нашр расиданд.

Доир ба мавзӯи кори диссертатсионӣ 8 мақолаҳои илмӣ аз ҷумла 3 мақола дар нашрияҳои тақризшаванди КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

**Феҳристи**

**интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ**

А) ***мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:***

[1-М] Дадобоев А.А. Модели математикии коркарди овоз ва хосиятҳои иттилоотикунонӣ [Матн] / Дадобоев А.А. // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. -Хуҷанд. - 2023 -№ (64) - С. 12-15. ISSN 2077-4974

[2-М] Дадобоев А.А. Модели математикии шинохтагирии овоз [Матн] / Дадобоев А.А. / Паёми политехникӣ: Бахши Интеллект. Инноватсия. Инвеститсия – 2023 -№ (61) –С. 27-33. ISSN 2520-2235.

[3-М] Дадобоев А.А. Алгоритми шинохтагирии нутқ [Матн] /А.А. Дадобоев // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд. — 2023- №3 (64) –С. ISSN 2077-4974.

**Б)** ***мақолаҳои дар дигар маҷаллаҳо ба нашррасида:***

[4-М] Дадобоев А.А. Усулҳои шинохтагирии нутқ ва таснифоти он [Матн] / Ҳ.Ш. Ғаюров, А.А. Дадобоев // Маводи конференсияи байналмилалии илмии "Муаммоҳо ва перспективаи алоқамандӣ дар ҷаҳони муосир", «Илми муосир», ш. Петрозаводск, 2022. – С. 170-177.

[5-М] Дадобоев А.А. Таснифоти назариявии модели шинохтагирии овоз [Матн] / Ҳ.Ш. Ғаюров, А.А. Дадобоев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии "Рисолати илми физика дар инкишофи техника ва технологияи муосир", бахшида ба эълон гаштани солҳои 2020-2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф", ш. Хуҷанд, 2023. - С. 113-117.

[6-М] Дадобоев А.А. Методы и алгоритмы распознавания речи [Матн] / Ҳ.Ш. Ғаюров, А.А. Дадобоев // Маводи конференсияи илмӣ-амалии профессорон, омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ "Илм ва

инноватсия баҳри иҷрои ҳадафҳои миллӣ", ш. Хуҷанд, "Дабир", 2019. -С. 111 - 113.

[7-М] Дадобоев А.А. Таснифи системаҳои шинохтагирии овоз [Матн] / Ҳ.Ш. Ғаюров, А.А. Дадобоев // Маводи конфронси илмӣ-амали профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон "Рушди илм ва инноватсия дар шароити рақамикунонӣ".-Хуҷанд: "Дабир", 2023.- С. 153-158.

[8-М] Дадобоев А.А. Таснифоти системаҳои шинохтагирии овоз [Матн] Ҳ.Ш. Ғаюров, Дадобоев А.А. // Маводи конференсияи илмӣ - амалии профессорон, омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон тахти унвони "Рушди илм ва инноватсия дар шароити рақамикунонӣ". –Хуҷанд, 18 - 21 апрели 2023. -С. 153 – 159.

**В) Шаҳодатномаи муаллифии маҳсулоти компютерӣ**

[9-М] Дадобоев А.А. Web-приложение "Системаи шинохтагии фармонҳои тоҷикӣ" [SOFT] / А.А. Дадобоев // – 23.02.2024. – № 188.

**Қарори ҷаласа:**

1. Диссертатсияи Дадобоев Акмал Анварҷонович дар мавзӯи "Масъалаҳои шинохтагирии фармонҳои овозӣ ва татбиқи онҳо дар модели компютерӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D070400 – Техникаи ҳисоббарор ва таъминоти барномавӣ ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад.
2. Диссертатсияи Дадобоев Акмал Анварҷонович дар мавзӯи "Масъалаҳои шинохтагирии фармонҳои овозӣ ва татбиқи онҳо дар модели компютерӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D070400 – Техникаи ҳисоббарор ва таъминоти барномавӣ барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-049 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осими пешниҳод карда мешавад.
3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи мудири кафедраи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва барномарезӣ гузошта шудааст.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва барномарезии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон 27 майи соли 2024, протоколи №10 қабул шудааст.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 16 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

«тарафдор» - 16 нафар,
«зид» - нест,
«бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа,**
мудири кафедраи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва барномарезии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, н.и.ф.-м., дотсент — Муҳамедова Ш.Ф.

28.05.2024

**Котиби ҷаласа**,
муаллими калони кафедраи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва барномарезии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон — Бобозода А.А.

Имзоҳои Муҳамедова Ш.Ф. ва Бобозода А.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон — Мирпочоев И.Ҳ.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға**: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, маҳаллаи 17-бинои 1, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
тел: +992 (3422) 2 38 11, www.tsulbp.tj